Замимаи 3
ба қарори ҳайати мушовараи
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «**25**» **сентябри** с. 2014
**№ 81**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ
## оиди таъсис, ҳайат ва фаъолияти Комиссияи арзёбии пешниҳодҳои тендерии лоиҳаҳои шарикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(тавсиявӣ)

**Душанбе -2014**

**1. Ҳолатҳои умумӣ** ... 2
2. **Вазифаҳои Комиссияи арзёбӣ** ... 2
**3. Ҳайати Комиссияи арзёбӣ** ... 3
**4. Тартиби қабули қарор** ... 4
**5. Тартиби барасмиятдарорӣ ва интишори қарорҳои Комиссияи арзёбӣ** ... 5

## 1. Ҳолатҳои умумӣ

1. Дастури методии мазкур масъалаҳои таъсис, ҳайат, сохтор ва фаъолияти Комиссияи арзёбии пешниҳодҳои тендерии лоиҳаҳои шарикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Комиссияи арзёбӣ), қабул ва ба расмият даровардани қарорҳои онро оид ба арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ барои бастани Созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (минбаъд – «тендер») муайян менамояд.

2. Комиссияи арзёбӣ махсус барои гузаронидани тендер, арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ, муайян намудани ғолиби тендер таъсис дода мешавад ва салоҳият дорад қарорҳое қабул намояд, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваколати ӯ вогузор карда шудаанд.

3. Принсипҳои асосии фаъолияти Комиссияи арзёбӣ фароҳам овардани шароити баробари рақобат барои иштирокчиёни тендер, талаботи ягона нисбати онҳо ва меъёрҳои арзёбии пешниҳодҳои тендерии онҳо, арзёбии беғаразона ва ошкорбаёнӣ мебошанд.

## 2. **Вазифаҳои Комиссияи арзёбӣ**

4. Комиссияи арзёбӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

1) маълумотро дар бораи гузаронидани тендер таҳия ва нашр менамояд;

2) маълумотро дар бораи ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ таҳия ва нашр менамояд, инчунин маълумоти мазкурро тибқи қарор оид ба бастани созишнома ба шахсони дахлдор ирсол менамояд ;

3) дархостҳоро оид ба иштирок намудан дар тендер қабул менамояд;

4) ба мурочиаткунандагон ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва тавзеҳоти меъёрҳои онро пешниҳод менамояд;

5) дархостҳо барои иштирок намудан дар тендерро, ки дархосткунандагон пешниҳод кардаанд, баррасӣ менамояд;

6) довталабонеро, ки аз интихоби пешакӣ нагузаштаанд, муайян менамояд ва оид ба иҷозат надодани онҳо барои иштирок дар тендер қарор қабул менамояд ва ба онҳо огоҳиномаи дахлдор ирсол менамояд;

7) иштирокчиёни тендерро муайян менамояд;

8) ба иштирокчиёни тендер оид ба супоридани пешниҳодҳои тендерии онҳо тибқи меъёрҳои тендерӣ даъватнома ирсол менамояд, пешниҳодҳои тендериро баррасӣ ва арзёбӣ менамояд;

9) аз иштирокчиёни тендер пешниҳодҳои тендерӣ қабул менамояд;

10) ғолиби тендерро муайян менамояд ва дар хусуси ғолиб дониста шудани он огоҳинома ирсол менамояд ;

11) протокол дар бораи натиҷаҳои гузаронидани тендерро имзо менамояд;

12) иштирокчиёни тендерро оиди натиҷаҳои гузаронидани тендер огоҳ менамояд;

13) маълумотро оид ба натиҷаҳои гузаронидани тендер таҳия ва нашр менамояд.

**3. Ҳайати Комиссияи арзёбӣ**

5. Комиссияи арзёбӣ аз ҷониби ташкилоти фармоишгар бо шумораи тоқ ва дар ҳайати на камтар аз панҷ нафар таъсис дода мешавад. Ҳайати Комиссия аз инҳо иборат мебошад:

1) раиси Комиссия – муовини якуми (муовини) роҳбари ташкилоти фармоишгар;

2) муовини раиси Комиссия – муовини Раиси вилояте (шаҳре, ноҳияе), ки лоиҳаи шарикӣ дар ҳудуди он амалӣ карда мешавад;

3) котиби Комиссия – (дар мувофиқа);

4) аъзои Комиссия:

а) ………………….. – намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ;

б) ………………….. – (дар мувофиқа);

в) ………………….. – (дар мувофиқа).

6. Дар ҳолате, ки агар ба сифати ташкилоти фармоишгар мақоми маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баромад намояд, раиси Комиссия бояд муовини Раиси вилояте (шаҳре, ноҳияе) бошад, ки лоиҳаи шарикӣ дар ҳудуди он амалӣ карда мешавад.

7. Дар ин ҳолат муовини раиси Комиссия бояд намояндаи мақоми танзимкунанда бошад.

8. Аъзо, инчунин котиби Комиссияи арзёбӣ наметавонанд шаҳрвандоне бошанд, ки барои иштирок дар тендер дархост пешниҳод намудаанд, ё ин ки шаҳрвандоне бошанд, ки муассиси (иштирокчии) ин ташкилот, аъзои мақомоти идораи онҳо ва ё шахсони вобастаи иштирокчиёни тендер мебошанд.

9. Дар ҳолати дар ҳайати Комиссияи арзёбӣ ошкор гардидани чунин шахсон, ҳайати Комиссияи арзёбӣ аз ҷониби ташкилоти фармоишгар аз нав тасдиқ карда мешавад.

10. Дар ҳолати номувофиқ будани котиби Комиссияи арзёбӣ ба меъёрҳои зикршуда, ба ин вазифа шахси дигар таъин карда мешавад.

11. Фаъолияти Комиссияи арзёбиро раиси Комиссияи арзёбӣ роҳбарӣ менамояд. Раиси Комиссияи арзёбӣ:

1) кори Комиссияи арзёбиро ташкил менамояд;

2) рӯзномаи ҷаласаи навбатии Комиссияи арзёбиро эълон менамояд ва ҳангоми зарурат пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба онро ба овоз мемонад;

3) ҷаласаи Комиссияи арзёбиро пеш мебарад;

4) барои баромад намудан ба аъзои Комиссия ва дигар иштирокчиёни ҷаласа сухан медиҳад;

5) пешниҳодҳои аъзои Комиссияи арзёбӣ ва лоиҳаҳои қарорҳои қабулшавандаро ба овоз мемонад;

6) натиҷаҳои овоздиҳиро ҷамъбаст ва қарорҳои қабулшударо эълон менамояд;

7) аз номи Комиссияи арзёбӣ мукотиботро пеш мебарад;

8) дар доираи ваколатҳояш ба намояндаи ваколатдори ташкилоти фармоишгар ҷиҳати иҷрои ҳаракатҳои хусусияти ташкилӣ – техникӣ дар доираи ҷадвали гузаронидани тендер супоришҳо медиҳад.

12. Иҷрои баъзе аз вазифаҳои ташкилоти фармоишгар ва Комиссияи арзёбиро оид ба гузаронидани тендер намояндаи ваколатдори ташкилоти фармоишгар амалӣ менамояд.

13. Намояндаи ваколатдори ташкилоти фармоишгар амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

1) маводҳои ҷаласаҳои Комиссияи арзёбиро омода менамояд;

2) на дертар аз се рӯз то санаи дар ҷадвали тасдиқшудаи кори Комиссияи арзёбӣ зикршудаи гузаронидани ҷаласа ба таври хаттӣ (бо ирсол тариқи почта, хабари факсимилӣ ё почтаи электронӣ) аъзои Комиссияи арзёбиро дар бораи ҷой (маҳал), вақт ва рӯзномаи ҷаласа хабардор менамояд;

3) баҳисобгирӣ ва нигоҳдории маводҳои Комиссияи арзёбӣ, инчунин баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои ворид ва содиршавандаро, то лаҳзаи ба ташкилоти фармоишгар супоридани онҳо баъди ба охир расидани тендер, амалӣ менамояд;

4) протоколҳои Комиссияи арзёбӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро ба таври дахлдор ва саривақт ба расмият медарорад, онҳоро барои имзо намудан ба раис ва аъзои Комиссияи арзёбӣ пешниҳод менамояд.

14. Комиссияи арзёбӣ ва ташкилоти фармоишгар салоҳият доранд, ки экспертҳои мустақилро дар асоси шартнома барои иштирок намудан дар фаъолияти Комиссияи арзёбӣ ва додани машваратҳо ҷалб намоянд.

**4. Тартиби қабули қарор**

15. Комиссияи арзёбӣ ҳуқуқ дорад қарор қабул намояд, ба шарте ки агар дар ҷаласаи Комиссияи арзёбӣ на кам аз панҷоҳ фоизи шумораи умумии аъзои он ҳузур дошта бошад.

16. Ҳар як аъзои Комиссияи арзёбӣ як овоз дорад.

17. Аъзои Комиссияи арзёбӣ дар ҷаласаҳои Комиссия шахсан иштирок менамоянд.

18. Ҳангоми қабули қарор дар доираи арзёбӣ ва баррасии пешниҳодҳои тендерӣ, аъзои Комиссияи арзёбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» амал менамоянд.

**5. Тартиби барасмиятдарорӣ ва интишори қарорҳои Комиссияи арзёбӣ**

19. Қарорҳои Комиссияи арзёбӣ бо протокол ба расмият дароварда шуда, аз ҷониби аъзои Комисияи арзёбӣ, ки дар ҷаласаи он иштирок намуданд, имзо карда мешаванд.

20. Протоколи ҷаласаҳои Комиссияи арзёбӣ на дертар аз 3 рӯз пас аз санаи гузаронидани ҷаласаи дахлдор ва ё дар мӯҳлатҳои махсус муқаррарнамудаи дастури тендер ба расмият даровარда мешавад.

21. Дар протоколи ҷаласаи Комиссияи арзёбӣ ҳатман нишон дода мешаванд:

1) санаи ҷаласаи баргузоршуда;

2) рӯзномаи ҷаласа;

3) аъзои Комиссияи арзёбӣ, ки дар ҷаласа иштирок доштанд;

4) насаб, ном ва номи падар, вазифа ва ҷои кори шахсоне, ки ба ҷаласаи Комиссияи арзёбӣ даъват шудаанд;

5) мӯҳтавои мухтасари баромадҳо;

6) натиҷаҳои овоздиҳӣ;

7) фикри махсуси аъзои Комиссияи арзёбӣ (дар ҳолати мавҷуд будани чунин фикр);

22. Ба протоколи ҷаласаи Комиссияи арзёбӣ инчунин дигар ҳолатҳое ворид карда мешаванд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» мавҷудияти онҳо дар протокол ҳатмӣ мебошад.

23. Фикри махсуси аъзои Комиссияи арзёбӣ ба таврӣ хаттӣ баён ва ба протоколи ҷаласаи Комиссия замима карда мешавад.

24. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» Комиссияи арзёбӣ иттилоот ва маълумоти зарурирo оиди ҷараён ва натиҷаҳои гузаронидани тендер нашр менамояд.

25. Масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Комиссияи арзёбӣ, ки бо Дастури мазкур танзим нашудаанд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровარда мешаванд.